Тақриз

**ба автореферати Султонзода Гулбаҳор Абдувайит дар мавзуи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Мавзуи рисолаи илмии **Султонзода Гулбаҳор Абдувайит** таҳти унвони **«Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, нақду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»**дар адабиётшиносии муосири тоҷик яке аз мавзуъҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро омӯзиши фарҳангҳо ҳамчун сарчашмаи адабӣ аз корщои таҳқиқотии нодир ва хоси ҳавзаи илмиву адабии Хуҷанд мебошад, ки ҳанӯз дар асри гузашта асос гузошта шуда, то ҳол аз ҷониби адабпажӯҳони ин доираи илмӣ идома дорад.

Мавзуи рисолаи мазкур ба самти адабиётшиносӣ ва махсусан ба ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ мувофиқат менамояд.

Диссертант фушурдаи рисолаи номзадиро мувофиқи талаботи барои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намуда, мазмуну моҳияти диссертатсияро дар он ба таври хулоса ифода намудааст.

Тавре аз шиносоии автореферат маълум мегардад, ки рисолаи илмии мавриди назар аз 3 боб, 8 фасл, хулоса, рӯйхати адабиёт, замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 210 саҳифаи компютериро ташкил дода, 152 саҳифаи он мазмуни асосии рисоларо дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқот**, пеш аз ҳама, дар таъйин намудани ҷойгоҳи «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ дарадабиёти форсӣ-тоҷикӣ зоҳир мегардад. Дар ин замина, фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» аз ҷиҳати фарогирии шавоҳиди шеърии зиёд ҳамчун сарчашмаи адабӣ эътироф шуда, муаллифи фарҳанг натанҳо фарҳангнигор, балки шоири бомаҳорати асри XVII муаррифӣ гардидааст.. Ҳамчунин, дар

асоси асноди шоҳиди фарҳанг 50 байт аз ашъори суханварони асрҳои X-XI накду тасҳеҳ карда шудааст.

**Аҳамияти назарию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки натиҷаҳои он дар рушди минбаъда ва ҳаллу фасли масъалаҳои тозаи адабиётшиносии назариявию амалӣ, фарҳангнигорӣ, матншиносӣ, накду тасҳеҳ ва шинохти паҳлуҳои мухталифи илмҳои мазкур, маърифат ва шарҳи адабиёт хизмат хоҳад кард. Натиҷаҳои тадқиқот барои муайян кардани ашъори бозмондаи суханварони асрҳои X-XI, дарёфти шакли саҳеҳ ва маънии дурусти силсилаи киноёту истиороти шоирона, накду тасҳеҳи теъдоди абёти шоирони асрҳои X-XI мусоидат намуда, дар бораи шарҳу тафсири маҳорати суханварии Сурурии Кошонӣ ҳамчун шоир накши муассир мегузорад.

Дар **мукаддимаи** рисола мукаррароти умумии вобаста ба ин бахш дарҷ гардида, мубрамияти мавзуи таҳқиқ собит шудааст, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот равшан баён гардидааст, ҳамчунин диссертант аз дараҷаи омӯзиши мавзуъ низ огоҳии комил дорад.

Боби аввали рисола **«Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»**-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ» унвон дошта, муҳаққиқ тибқи сарчашмаҳои муътамад доир ба зиндагию фаъолияти эҷодии Сурурии Кошонӣ маълумот пешниҳод намуда, намунаҳои ашъори ӯро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба маҳорати шоирии Сурурӣ баҳои сазовор медиҳад. Дар ин боб нусхаҳои хатии фарҳанг низ бо усули муқоисавӣ таҳқиқ гардида, беҳбудию камбудии онҳо инъикос карда шудааст.

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс»** ном дошта, мавқеи фарҳанги «Маҷмаъ-ул-фурс» ҳамчун сарчашмаи адабӣ бо далелҳо собит карда шуда, оид ба сарчашмаҳои фарҳанг, аз қабили луғатномаҳо, осори адабӣ, китобҳои илмию соҳавӣ маълумот дода шудааст. Асноди шоҳиде, ки дар фарҳанг истифода шудааст, аз ҷиҳати жанр ва мавқеи истифодаашон омӯхта шуда, натиҷаҳои омӯзиш хулосабарорӣ карда шудааст. Фаслҳои муҳимтарини ин боб бозёфти афкори интиқодии фарҳангнигор ва

муайян намудани усулҳои шарҳу тафсир дар фарҳанг мебошад. Зеро ҷой доштани аносири нақду шарҳ дар фарҳангҳои асримиёнагӣ то асри XVII роиҷ набуд. Ба хусус, шарҳу тафсири киноёту истиороти адабӣ, ки диссертант таваҷҷуҳи зиёд намудааст, қобили қабул аст. Зеро фарҳанги мазкур ва дигар фарҳангҳои асримиёнагӣ барои дарки мазмуну моҳияти киноёту истиороти адабии ашъори классиконмусоидат менамояд.

Боби сеюми рисола ба масъалаҳои маърифату матншиносӣ бахшида шуда, **«Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ»** номида шудааст. Дар фасли аввали боби мазкур муҳаққиқ шарҳу тафсири калимаҳои куҳани форсӣ-тоҷикиро дар маънидоду маърифати осори давраи аввали адабиёти классикии тоҷик басо муҳим мешуморад ва бо овардани санадҳои зарурӣ фикрашро тақвият мебахшад. Дар фасли сонӣ ва зерфаслҳои он бошад ба проблемаи матншиносӣ, нақду тасҳеҳ, интисоби ашъори шоирони аҳди аввали адабиёт таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина таҳқиқоти ҷолибе ба анҷом расонида, натиҷаҳои судмандеро рӯнамои адабиётшиносии тоҷик намудааст. Масалан, ҷой доштани саҳву иштибоҳ, ғалатхонӣ, тасҳифу таҳриф ва интисоби осор дар нашрҳои гуногуни ватаниву хориҷӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст, ки бештари онҳо аз ҷиҳати мантиқ дуруст ба назар мерасад ва натиҷаи муқоисаву муқобалаи нашрҳои интиқодии боэътимод мебошад.

**Хулосаи рисола** дар 12 банд натиҷагирӣ карда шуда, тавсияҳо оид ба натиҷаҳои амалии таҳқиқ равшану возеҳ баён гардидаанд.

Аннотатсияи автореферат бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ мувофиқи талабот нигошта шудааст.

Аз матни фишурдаи рисолаи мазкур бармеояд, ки диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардида, дар адабиётшиносии муосир пажӯҳиши тозаеро рӯйи кор овардааст.

Ҳарчанд рисолаи илмии мазкур пажӯҳиши амиқи ба итмомрасида маҳсуб ёбад ҳам, вале аз баъзе нуқсонҳо холӣ нест, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқотҳои оянда ба манфиати кор мебошад:

1. Дар автореферати диссертатсия фасли дуюми боби дуюм«Асноди шоҳид ва шеваҳои гузиниши он дар фарҳанг»хеле мухтасар баён гардидааст, ки моҳияти мавзуъро ба пуррагӣ равшан намесозад ва шарҳи бештарро мехоҳад (автореф.саҳ.15).
2. Номи боби якум "Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ ва мақоми «Маҷмаъ-ул-фурс»-и ӯ дар суханшиносии форсӣ – тоҷикӣ" ва боби сеюми рисола "Масоили маърифати шеър ва матншиносии осори адабии асрҳои X-XI дар фарҳанги Сурурӣ" унвон дода шудааст. Номи ин ду бобро мухтасар баён кардан ба мақсад мувофиқ мешуд.
3. Масъалаи накд, ки вобаста илми матншиносист, на дар боби дуюм, балки дар боби сеюми рисола, ки ба масоили матншиносӣ, накду тасҳеҳ бахшида шудааст, ҷойгир карда шавад ба беҳбудии низоми кор хоҳад буд.

Навоқиси мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии фишурда ва рисолаи илмиро коҳиш намедиҳад. Банду басти кор ба талаботи услуби илмӣ ҷавобгӯ буда, мазмуну муҳтавои фишурда ҷолиб ва мақолоти мунташирнамудаи диссертант ба мавзуъ мувофиқ мебошад.

Дастоварди илмии диссертант аз он иборат аст, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик фарҳанги "Маҷмаъ-ул-фурс" ва мероси адабии Муҳаммадқосим Сурурии Кошонӣ мавриди таҳқиқу баррасии густурда қарор гирифтааст.

Муҳтавои автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, бо диссертатсия пурра мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муҳимтарин паҳлӯҳои таҳқиқоти мазкур дар 13 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, 7 мақолаи дар маҷаллаҳои такризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ба табъ расиданд, ифода гардидааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Султонзода Гулбаҳор Абдувайит таҳти унвони «Маҷмаъ-ул-фурс»-и Сурурии Кошонӣ ва масоили маърифат, накду тасҳеҳи мутуни адабии асрҳои X-XI»ба талаботибандҳои 31-35-уми Тартиби

додани дарачаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда,муаллифи он сазовори дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Давлатбеков Л.М.

Имзои Давлатбеков Л.М. -ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Халифаев Ф.Н.

Нишонӣ: 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.Тел: (+992 931924884)
E-mail:lolo.davlatbekov@mail.com

05.11.2024.